Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Саноати сабук**

Касб: **Оператори мошини рангкунӣ**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **LI 8154**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **23**

Сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2,3**

Тафсир: **01/соли 2024**

Рамзи умумии касб: **LI 8154-23-2,3-01/2024**

САЛОҲИЯТ
ТРЕНИНГ
МАҲОРАТ
ДОНИШ
РУШД
МАЛАКА
ОМӮЗИШ
ТАҶРИБА

**Стандарти салоҳиятҳои мазкур дар доираи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.**

# Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

аз «15» 10 соли 2024 №11 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи стандартҳои салоҳияти 20 касбу ихтисосҳо

Мутобиқи талаботи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб» Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Стандартҳои салоҳияти касбу ихтисосҳои «Истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ», «Занбӯриасалпарвар», «Мошиначии автокран», «Дӯзанда (либоси занона)», «Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил», «Кандакорӣ дар чӯб ва пӯсти чӯб», «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ)», «Челонгар-таъмирчии кузови автомобил», «Оператори мошини бофандагӣ», «Мошиначии булдозер», «Турагент», «Дуредгар», «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология», «Харрот», «Оператори мошини ресандагӣ», «Мошиначии кранҳои истеҳсолоти металлургӣ», «Гаҷкори ҷузъҳои меъморӣ», «Оператори мошини турбофӣ», «Оператори мошини рангкунӣ» ва «Челонгар - барқчии нерӯгоҳи барқии обӣ» тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» татбиқи стандартҳои салоҳиятро дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон», корхонаҳои воҳиди давлатии назди Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва Муасиссаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба роҳ монанд.

3. Раёсати котибот ва Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор карда шаванд, ки нусхаҳои электронии стандартҳои салоҳиятро дар сомонаҳои вазорат, агентӣ, лоиҳа ва муассисаҳои таълимӣ ҷой намоянд.

4. Нашр ва дастрас намудани стандартҳои салоҳият ба зиммаи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вогузор карда шавад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир – Давлатзода Қ. гузошта шавад.

Раиси Ҳайати мушовара,
вазир Г. Ҳасанзода

**ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИ **«ОПЕРАТОРИ МОШИНИ РАНГКУНӢ»**

Стандарти салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» дар ҷаласаи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.10.2024, №31 баррасӣ гардидааст.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» аз ташхис (экспертиза)-и корфармоён ва ассотсиатсияҳои соҳавии зерин гузаронида шудааст:

| № | Ташкилот | Ному насаб | Вазифа | Ҳуҷҷат дар бораи ташхис |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сафарзода Б. | Муовини вазир | Хулоса аз 08.10.2024, №15-2246 |
| 2. | Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони соҳаи бофандагӣ ва саноати сабуки Тоҷикистон | Қаюмзода Г. | Раис | Хулоса аз 05.07.2024, №17 |
| 3. | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Ҷавонӣ» | Ғафуров И. | Директори генералӣ | Хулоса аз 21.08.2024, №08.03 |
| 4. | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сатн» | Бобоев И. | Директори генералӣ | Хулоса аз 07.08.2024, №169 |
| 5. | Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҷунтай – Данғара Син Силу Текстил» | Лин Цян | Директор | Хулоса аз 07.08.2024, №35/1 |

Стандарти салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ»-ро таҳия намуданд:

| № | Ному насаб | Вазифа | Ташкилот |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҳисориева Заррина | Директор | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии дӯзандагии шаҳри Душанбе» |
| 2. | Ғайратзода Шаҳодат | Омӯзгори фанҳои тахассусӣ | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе» |
| 3. | Азимов Давлат | Технолог | ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик» |

**Модераторҳо (миёнҷиҳо):**

Данило Анишенко – коршиноси калидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

Бахтиёров Озар – супервайзер оид ба методологияи таълим дар асоси салоҳият.

**Мундарича**

Ихтисорот ..... 7
Муқаддима ..... 8
Мафҳумҳои асосӣ ..... 9
Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад ..... 11
Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа ..... 12
Тавзеҳоти умумии касби «Оператори мошини рангкунӣ» ..... 13
Рӯйхати умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» ..... 14
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 16
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Оператори мошини рангкунӣ», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 17
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ..... 19
Воҳидҳои салоҳияти заминавӣ (базавӣ) ..... 32
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ..... 37
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ..... 60
Талабот ба довталабон ..... 62
Талабот ба омӯзгорон ..... 62
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ..... 62
Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» сатҳи 3-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 65
Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Оператори мошини рангкунӣ», сатҳи 3-уми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 65
Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) ..... 66
Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) ..... 75
Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ ..... 78
Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ..... 86
Талабот ба довталабон ..... 88
Талабот ба омӯзгорон ..... 88
Рӯйхати асбоб, таҷҳизот ва масолеҳҳои зарурӣ ..... 88
Рӯйхати адабиёт ..... 90
Замимаи 1: Харитаи функсионалии касби «Оператори мошини рангкунӣ» ..... 91
Замимаи 2: Хулосаҳои соҳа (экспертиза) ..... 96

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| **ТАС** | Таълим дар асоси салоҳият |
| **ТИКТО** | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш |
| **DACUM** | Усули таҳлили функсионалӣ (аз ихтисороти «**D**eveloping **ac**urricul**um**», яъне «таҳияи барномаҳои таълимӣ») |
| **ТМТ ҶТ** | Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СС** | Стандарти салоҳиятҳо |
| **ВС** | Воҳиди салоҳият |
| **ЭС** | Элементи салоҳият |
| **МИ** | Меъёрҳои иҷро |
| **МБ** | Малакаҳои бокортаъминкунӣ |
| **СБТМ-08/ISCO-08** | Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо-2008 **(**International Standard Classification of Occupations-2008) |
| **ТМҶТ** | Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МТММСТ** | Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим |
| **МТКТ** | Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон |
| **ТИК/ICT** | Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (Information Technology and Communication) |
| **ҲМТБ** | Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| **ТС** | Салоҳиятҳои фароумумӣ (Transversial Competencies) |
| **LB** | Салоҳиятҳои заминавии соҳаи саноати собук (light industry basic) |
| **LI** | Салоҳиятҳои касбии соҳаи саноати собук (Light industry) |

## Муқаддима

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди корхонаҳои нассоҷӣ босуръат амалӣ гардида истодааст. Аз ин рӯ, талаботи соҳа ба мутахассисони соҳаи нассоҷӣ аз ҷумла, оператори мошини рангкунӣ зиёд шуда истодааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати тайёркунии мутахассисони касбҳои коргарӣ, ки ба талаботи корфармоён ва мувофиқи меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй бошад, стандарти салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» таҳия карда шудааст.

Стандарти мазкур талаботи асосиро ба салоҳияти касби мутахассиси «Оператори мошини рангкунӣ» бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ муқаррар мекунад.

Дар таҳияи стандарти салоҳиятҳои мазкур кормандони ҶДММ «Ҷавонӣ»-и шаҳри Хуҷанд, ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик», ҶДММ «Ваҳдат текстайл» ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ иштирок намуданд.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқи роҳандозӣ намудани фаъолияти таълимӣ барои амаликунии барномаи таълимӣ доранд, истифода карда мешавад.

Стандарти салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», Барномаи давлатии касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб, Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиққунии тахассусҳо ва Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2025 таҳия карда шудааст.

Стандарти салоҳиятҳо талаботи тахассусиро нисбат ба касби «Оператори мошини рангкунӣ» ки ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ мебошанд, дар мувофиқа бо Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо СБТМ-08 (ISCO-08) таъмин менамояд.

## Мафҳумҳои асосӣ

**Бозори меҳнат** – низоми ташаккулёбии талабот ва пешниҳодот ба қувваи корӣ.

**Баҳодиҳӣ** (салоҳиятҳо) – маҷмӯи усул ва равандҳо, ки барои баҳодиҳии дастовардҳои шахс (дониш, маҳорат, малака ва муносибати ӯ, яъне салоҳиятҳо), ки одатан бо шаҳодатномадиҳӣ анҷом меёбанд.

**Воҳидҳои салоҳияти фароумумӣ** (трансверсалӣ) – ин салоҳиятҳои умумӣ мебошанд, ки барои бештари касбҳо ва амалан барои ҳамаи соҳаҳо заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ)** – ин чунин салоҳиятҳое мебошанд, ки дар доираи муайяни ин ва ё он соҳа талабот доранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷро намудани фаъолияти касбии мушаххас заруранд.

**Воҳидҳои салоҳиятҳои махсус** – ин салоҳиятҳое мебошанд, ки барои иҷрои фаъолияти хоси касбӣ истифода карда мешаванд.

**Воҳиди салоҳият –** ин баёноти кӯтоҳи натиҷаи вазифаҳои салоҳият мебошад, ки маълумот дар бораи дониш, маҳорат, малака ва муносибатро дорад (дар бораи мақсадҳои воҳиди салоҳият ва доираи малакаҳое, ки ба онҳо тааллуқ дорад, васеъ маълумот медиҳад).

**Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо –** барои гузаронидани баҳодиҳӣ маълумоти зарурирo пешниҳод менамояд, усулҳои муносиб, захираҳои амиқ ва шароитро, ки барои гузаронидани баҳодиҳии воҳиди салоҳияти мушаххас заруранд, тавсиф менамояд. Номзад дар баҳодиҳӣ далелҳои мушаххасро пешниҳод менамояд, ки ба баҳодиҳандагон барои муайян кардан ва қабули қарор, ки оё салоҳияти муайян аз худ карда шудааст ва ё шахси мазкур корро дар ҷойи корӣ мувофиқи Стандарти салоҳиятҳои касбии тасдиқшуда иҷро карда метавонад, кӯмак мерасонад.

**Дескриптор** – (аз лотинӣ «descriptor» – тавсифкунанда) – воҳиди лексикӣ, ки барои шарҳ додани мазмуну моҳияти асосии ҳуҷҷат, истифода карда мешавад.

**Касб –** тарзи машғулият, намуди фаъолияти меҳнатие, ки тайёрии муайян, мавҷудияти донишҳои зарурӣ, маҳорат, малака ва салоҳиятнокиро талаб менамояд ва дар натиҷаи омӯзиши махсус ё таҷриба ба даст оварда мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва имкон медиҳад, ки шахс натанҳо дар шароити муқаррарӣ, балки дар шароити тағйирёбанда низ амал кунад.

**Малакаҳои бакортаъминкунӣ –** ин амалҳои бошууронаи мутахассис, ки ба мутобиқшавии бомуваффақият дар бозори меҳнат равона карда шудаанд. Маҳорати ташкил карда тавонистани донишу малакаҳои банақшагирӣ ва пешравии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳо барои пешравии бомуваффақият дар бозори меҳнат, дар ҳамаи бахшҳо ва зинаҳои шуғлро дар бар мегирад.

**Навсонӣ (вариативӣ)** муайян мекунад:

– аҳамияти истилоҳоти асосӣ, ки дар меъёрҳои иҷро истифода мешаванд;

– навсонӣ дар вазъияти корӣ ва ҳолатҳо, ки метавонанд ба фаъолият таъсир расонанд;

– фарқияти мазмунӣ дар вобастагӣ аз воҳидҳои салоҳият ва матни муайян (чун мизоҷони меҳмонхона аз мизоҷони барои таъмири кондитсионер фарқ мекунанд);

танҳо ба воҳиди салоҳияти мушаххас дахл доранд, на ба ҳамаи воҳидҳои салоҳиятҳо дар умум.

**Стандарт (standard)** – ҳуҷҷати меъёрӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор таҳия ва тасдиқ шудааст, дар он талаботи меъёрӣ, қоидаҳо, тавсифот ё принсипҳои умумие, ки ба намудҳои гуногуни фаъолият ё натиҷаи онҳо дахл доранд, муайян карда мешаванд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат расидан ба сатҳи беҳтарини низоми соҳаи мазкур мебошад.

**Стандарти салоҳиятҳои касб –** ин ҳуҷҷатест, ки талаботи меъёрии ҳадди аққали дониш, маҳорат, малака ва муносибат (яъне салоҳиятҳо), ки барои сатҳи муайяни тахассуси касбӣ заруранд, муайян мекунад ва шахс онҳоро бояд дар ҷойи кор дар ҳолатҳои стандартӣ ё тағйирёбанда нишон диҳад. Ҳар як кор мумкин аст, аз стандарти муқарраргардида баландтар иҷро карда шавад, дар ҳеҷ сурат на пасттар аз он. Стандарти салоҳият ба корфармо барои муайян намудани мутобиқатии сатҳи тахассуснокӣ ба талаботи истеҳсолот ёрӣ мерасонад ва маҳорати касбии намоишдодаи шахсро эътироф намуда, доимӣ нигоҳ доштани стандарти олии касбии ӯро тасдиқ менамояд.

**Сатҳи таснифоти тахассусҳо –** ин сатҳи нишондоди мураккабии кори иҷрошаванда, мустақилият ва масъулиятнокии коргар, мувофиқ ба ҳар як сатҳ мебошад. Гузаштан аз як сатҳ ба сатҳи дигар маънии онро надорад, ки ҳамаи нишондодҳои сатҳи тахассусиро тавсифкунанда бояд фарқ кунанд: ҳар як сатҳи навбатӣ ба муносиби дараҷаи пешин мувофиқ кунонида мешавад ва воридкунии ниҳоии ҳамаи тавсифоти сатҳи пешинаро дар назар мегирад.

**СБТШ-08 (ISCO-08)** – Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо (International Standart Classification of Occupations) соли 2008 низоми таснифот ва ҷамъбасти маълумотро дар бораи шуғли касбӣ, ки дар асоси барӯйхатгирии оморӣ ва тадқиқот гирифта шудааст, ҳамчунин истифодабарии захираҳои маъмуриро ифода мекунад.

**Салоҳият –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат, малака ва муносибат барои иҷрои супориш ё ҳалли масъалаҳо дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳияти касбӣ –** қобилияти истифода карда тавонистани дониш, маҳорат ва малакаҳо барои иҷрои вазифаҳои касбӣ дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда.

**Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ –** ин маҷмӯи дониш, малака, элементҳои таҷрибаи фарҳангӣ, ки ба шахс имкон медиҳанд дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ озодона мавқеи худро муайян кунад, элементҳои онро истифода барад ва муносибати онро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳад. Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ аз воҳидҳои салоҳиятҳои трансверсалӣ (фароумумӣ) ва малакаҳои бокортаъминкунӣ иборат мебошад.

**Салоҳиятнокӣ** – соҳиб будан ба дониш, малакаву маҳорат ва муносибат, ки барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи муайян зарур аст.

**Таҳлили функсионалӣ** – ин тавсифи фаъолияти меҳнатӣ тавассути амалкард (функсия) ва натиҷаҳо мебошад. Бартарии чунин муносибат дар он аст, ки он имкон медиҳад тағйирот дар технология ва ташкили меҳнат дар бозори меҳнат фавран ба назар гирифта шавад.

**Талаботи бозори меҳнат** – эҳтиёҷоти корфармоён ба қувваи корӣ аз рӯи гурӯҳҳои мушаххаси касб ва намудҳои машғулият.

**Тахассус** (квалификатсия) – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Таснифоти миллии тахассусҳо (ТМТ)** – ҳуҷҷати меъёрие, ки чаҳорчӯбаҳоро муайян ва ҳамаи ихтисосҳои дар сатҳи миллӣ эътирофшударо идора менамояд. Таснифоти миллии тахассусҳо дорои чаҳорчӯбаҳое мебошад, ки аз якчанд сатҳ иборат буда, ҳар яки онҳо дар нишондиҳандаҳо (дискрипторҳо)-и салоҳиятҳо, ки алоқаҳои тахассусии байнибахширо дар бар мегиранд, тасвиф карда шуда, ҳамчунин додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи соҳиб шудан ба ихтисос дар он роҳандозӣ карда мешавад.

**Таълим дар асоси салоҳият** – муносибат ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш, ки ба чӣ тавр дар ҷойи кор шахс корро иҷро карда метавонад, такя мекунад.

**Харитаи функсионалии касб** – ин инъикоси амалкард (функсия)-ҳои асосӣ, ки касби мазкурро ташкил медиҳанд, вазифаҳои ба ин амалкард (функсия)-ҳо дохилгардида ва амалҳои воқеӣ барои иҷро намудани супориш ва ҳалли масъалаҳо дар ҷойи кор, дар шароитҳои тағйирёбанда равона карда шудаанд.

## Бо стандарти салоҳиятҳои касбҳо кӣ кор мекунад

– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани самаранокии амалиёти сохтори ТИКТО ҶТ, таъсиррасонии он ба болоравии иқтисодии давлат, яъне алоқа бо бозори меҳнат;

– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, ноҳия барои рушди минтақаи худ;

– дар бахши таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

– омӯзгорон барои донистани он, ки чиро ба таълимгирандагон омӯзонанд;

– таълимгирандагон, барои донистани он, ки чӣ хел ва чиро меомӯзанд;

– маъмурияти муассисаҳои таълимӣ барои донистани он, ки оё сатҳи тайёрии омӯзгорон ва хатмкунандагон ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунад ё не;

– корфармоён, ки стандартҳои салоҳиятҳоро барои такмили тахассуси касбии кормандон истифода мекунанд, то ин ки ба кормандон дар самти мутобиқшавӣ ба малакаву маҳорат ва донишҳои тағйирёбанда ва салоҳиятнокии онҳо бо сабаби дигаргуниҳои дар технологияи истеҳсолот бамиёномада тавсияҳо диҳанд;

– шаҳрвандони алоҳида, ки мехоҳанд маълумоти касбӣ гиранд ё сатҳи тахассусии касбии худро ба таври инфиродӣ такмил диҳанд;

– шаҳрвандоне, ки мустақилона таълим гирифтаанд ва мехоҳанд ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (сертификат ё шаҳодатнома) гиранд;

– оила, волидони таълимгирандагон, ки мехоҳанд фаҳманд, чиро ва чӣ хел фарзандони онҳо таълим мегиранд, пас аз хатми таълим онҳо ба чӣ кор машғул мешаванд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд ба ҷойи кории дигар гузаранд;

– шаҳрвандоне, ки мехоҳанд норасоиҳои худро дар дониш, малака, маҳорат ва муносибат, яъне салоҳиятҳои худ бартараф намоянд;

– шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкории худро васеъ кардан мехоҳанд;

– шаҳрвандоне, ки коргарони беҳтарин шудан мехоҳанд ва ғайра.

## Стандартҳо ва меъёрҳои соҳа

Дар соҳаи саноати сабук айни замон стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин қабул шудаанд ва амал мекунанд:

– СД (ГОСТ) 15.007-88 Системаи таҳия ва истеҳсоли маҳсулот. Маҳсулоти саноати сабук. Муқаррароти асосӣ;

– СД (ГОСТ) 161-86 Матоъҳои пахтагин, омехта ва аз ресмони нахи химиявӣ. Муайян кардани дараҷа;

– СД (ГОСТ) 3812-72 Маводҳои нассоҷӣ. Матоъ ва молҳои порчаӣ. Усулҳои муайян кардани зичии риштаҳо;

– СД (ГОСТ) 7000-80 Маводҳои нассоҷӣ. Бастабандӣ, тамғагузорӣ, интиқол ва нигоҳдорӣ;

– СД (ГОСТ) 8737-77 Матоъҳои пахтагин ва маснуоти чакана, аз ресмонҳои нахи химиявӣ ва омехта. Бастабандии ибтидоӣ ва тамғагузорӣ;

– СД (ГОСТ) 9733.0-83 Маводи нассоҷӣ. Талаботи умумӣ оид ба усулҳои санҷиши устувории ранг ба таъсири физикӣ ва химиявӣ;

– СД (ГОСТ) 9733.1-91 (ISO 105-B01-88) Маводҳои нассоҷӣ. Усули санҷиши устувори ранг кардан;

– СД (ГОСТ) 12088-77 Маводҳои нассоҷӣ ва маҳсулоти аз онҳо истеҳсолшуда. Усули муайян кардани гузариши ҳаво;

– СД (ГОСТ) 16958-71 Маҳсулоти нассоҷӣ. Рамзҳои нигоҳубин;

– СД (ГОСТ) 18054-72 (I S 0 105-J02-87) Маводҳои рангкунӣ. Усули муайян кардани сафедӣ;

– СД (ГОСТ) 18976-73 Матоъҳои рангкунӣ. Усули муайян кардани муқовимати абрешим;

– СД (ГОСТ) 21768-76 Матоъ ва маснуоти чаканаи ҳарбӣ. Қоидаҳои қабул;

– СД (ГОСТ) 25617-83 Матоъҳо ва маснуоти катон, нимкатин, пахтагӣ ва омехта. Усулҳои санҷиши химиявӣ;

– СД (ГОСТ) 30084-93 Маводҳои нассоҷӣ. Нишондиҳии ибтидоӣ;

– СД (ГОСТ) 30157.0-95 Матоъҳои нассоҷӣ. Усулҳои муайян кардани тағироти андоза пас аз коркарди тар ё тозакунии хушк. Муқаррароти умумӣ;

– СД (ГОСТ) 30157.1-95 Матоъҳои нассоҷӣ. Усулҳои муайян кардани тағироти андоза пас аз коркарди тар ё тозакунии хушк. Усулҳои коркард;

– ISO 1833-77 Нассоҷӣ. Омехтаҳои нахи дукомпонентӣ. Таҳлили кимиёвии миқдорӣ.

## Тавзеҳоти умумии касби «Оператори мошини рангкунӣ»

Оператори мошини рангкунӣ иҷрои як қатор уҳдадорӣ ва вазифаҳои зиёди маҷмӯи муайяни салоҳиятҳоро талаб намуда, барои сифатнок ва сари вақт амалӣ кардани фаъолияти корӣ дар доираи касб имкон медиҳад.

Оператори мошини рангкунӣ, ресмон, матоъ ва дигар маҳсулотҳои нассоҷиро ранг мекунад, ранги маҳсулотро тағйир ё барқарор мекунад. Хусусияти хелҳои гуногуни матоъ ва масолеҳро медонад, инчунин бо рангу моддаҳои гуногуни кимиёвӣ кор мекунад. Асбобҳо ва дастгоҳи гуногунро, аз қабили зарфҳои рангкунӣ, тарозуҳо ва дигар асбобҳои зарурӣ истифода намуда, мошинҳои рангкунӣ, дастгоҳҳои шустушуӣ, хушккунӣ ва дарзмолкунро бо риояи техникаи бехатарӣ идора ва назорат мекунад.

Мувофиқи талаботи дастурхат, маҳлули рангро бо истифодаи моддаҳои кимиёвӣ тайёр карда, ресмон/матоъро дар дастгоҳ ҷойгир мекунад. Аз ҳамин сабаб оператори бошини рангкунӣ бояд дар вақти корӣ бо либоси махсус ва воситаи ҳимоявӣ кор кунад. Кор бо мавҷуд набудани лавозимотҳои муҳофизатӣ вайронкунии қоидаҳои бехатарӣ дар истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Кори таҷҳизоти технологӣ, суръати харакати матоъ, сифати коркарди матоъро ба тартиб меандозад ва ҳангоми назорати раванди технологӣ, сифати ранг кардан, буғ кардан, шустан ва хушк кардани матоъ  ва нишондиҳандаҳои асбобҳоро ба қайд мегирад.

Дар ҷои кор Оператори мошини рангкунӣ ҳатман дастури техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнатро донад ва аз муоинаи тиббӣ гузашта бошад.

Баъдан, ин чорабиниҳо мунтазам на кам аз як маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.

Пеш аз он, ки бо мошини рангкунӣ корро оғоз намояд, Оператори мошини рангкунӣ бояд ҳолати кори мошини рангкуниро санҷида, оид ба корношоямии он шахсони масъулро огоҳ намояд.

**Рӯйхати умумии воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ»**

| Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|---|
| 2 | Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| | TC 01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| | TC 03-1/01 | Кор кардан дар даста |
| | TC 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| | TC 05-2/01 | Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| | LB 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| | LB 02-2/01 | Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | LI 8154-01-2/01 | Қабул намудани басти кор |
| | LI 8154-02-2/01 | Омода намудани ҷойи корӣ |
| | LI 8154-03-2/01 | Омода намудани маҳлули ранг |
| | LI 8154-04-2/01 | Омода намудани мошини рангкунӣ |
| | LI 8154-05-3/01 | Омода намудани ресмон барои рангкунӣ |
| | LI 8154-06-2/01 | Ҷойгир кардани ресмон ва матоъ дар мошини рангкунӣ |
| | LI 8154-07-2/01 | Шустани ресмон ва матоъ баъд аз рангкунӣ |
| | LI 8154-08-2/01 | Хушк кардани ресмон ва матоъ дар дастгоҳи махсус |
| | LI 8154-09-2/01 | Супоридани маҳсулоти тайёркардашуда |
| | LI 8154-10-2/01 | Ба анҷом расонидани корҳо |
| 3 | Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| | TC 06-3/01 | Ҳалли ҳолатҳои мунокишавӣ |
| | TC 07-3/01 | Такмил додани тахассуси касбӣ |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| | LB 02-3/01 | Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи миёна |
| | Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| | LI 8154-11-3/01 | Қабул кардани ашёи хом |
| | LI 8154-12-3/01 | Коркард кардани ранг мувофиқи фармоиш (тесат) |
| | LI 8154-13-3/01 | Назорат намудани раванди кори мошини рангкунӣ |
| | LI 8154-14-3/01 | Назорат кардани сифати ресмони рангшуда |

Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# СТАНДАРТИ САЛОҲИЯТҲО

Соҳа: **Саноати сабук**

Касб: **Оператори мошини рангкунӣ**

Рамзи касб (СБТМ-08/ISCO-08): **LI 8154**

Миқдори воҳидҳои салоҳият: **16**

Сатҳи Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2**

Тафсир: **01/соли 2024**

САЛОҲИЯТ
ТРЕНИНГ
МАҲОРАТ
ДОНИШ
РУШД
МАЛАКА
ОМӮЗИШ
ТАҶРИБА

**Рӯйхати воҳидҳои салоҳиятҳои касби «Оператори мошини рангкунӣ» сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Рамзи воҳидҳои салоҳиятҳо | Номгӯйи воҳидҳои салоҳиятҳо |
|---|---|
| Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ) | |
| TC 01-1/01 | Гузаштан аз муоинаи тиббӣ |
| TC 03-1/01 | Кор кардан дар даста |
| TC 04-2/01 | Расонидани ёрии аввалия |
| TC 05-2/01 | Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои заминавӣ (базавӣ) | |
| LB 01-1/01 | Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| LB 02-2/01 | Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ |
| Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ | |
| LI 8154-01-2/01 | Қабул намудани басти кор |
| LI 8154-02-2/01 | Омода намудани ҷойи корӣ |
| LI 8154-03-2/01 | Омода намудани маҳлули ранг |
| LI 8154-04-2/01 | Омода намудани мошини рангкунӣ |
| LI 8154-05-3/01 | Омода намудани ресмон барои рангкунӣ |
| LI 8154-06-2/01 | Ҷойгир кардани ресмон ва матоъ дар мошини рангкунӣ |
| LI 8154-07-2/01 | Шустани ресмон ва матоъ баъд аз рангкунӣ |
| LI 8154-08-2/01 | Хушк кардани ресмон ва матоъ дар дастгоҳи махсус |
| LI 8154-09-2/01 | Супоридани маҳсулоти тайёркардашуда |
| LI 8154-10-2/01 | Ба анҷом расонидани корҳо |

## Малакаҳои бокортаъминкунии касби «Оператори мошини рангкунӣ», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Малакаҳои бокортаъминкунӣ | Малакаҳое, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд |
|---|---|
| Муоширате, ки ба самаранок ва мутаносиб будани муносибатҳо байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | - гӯш кардан ва шунидан;<br>- бо забони модарӣ ва дигар забонҳо сухан рондан ва навиштан;<br>- мубодилаи иттилоот кардан;<br>- риоя кардани одоб дар муносибат бо ҳамкорон/мизоҷон;<br>- бо забони хориҷӣ дар сатҳи миёна муошират кардан. |
| Кор дар даста, ки ба муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | - муайян кардани нақши худ дар ҳайати даста;<br>- муайян кардани тарафҳои қавии аъзоёни даста;<br>- дар даста дар ҳолатҳои гуногун кор кардан, мисол дар ҳалли масъалаҳои буҳронӣ;<br>- суботкор (настойчивый)будан. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | - зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ дар ошкор ва ҳал кардани мушкилот;<br>- қарорҳои эҷодкорона ва инноватсионӣ таҳия кардан;<br>- истифодаи як қатор стратегия барои ҳалли мушкилот;<br>- фавран ва самаранок ҳал намудани мушкилоти мизоҷон. |
| Ташаббус ва уҳдабароӣ, ки барои бадастоварии натиҷаҳоиинноватсионӣ мусоидат менамояд | - эҷодкорӣ ва идроки эҷодӣ;<br>- зоҳир намудани ташаббускорӣ ва уҳдабароӣ;<br>- омода будан ба инноватсия;<br>- дастгирӣ кардани қарорҳои инноватсионӣ. |
| Банақшагирӣ ва ташкили фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | - гузоштани мақсадҳои мушаххас ва натиҷаҳои лоиҳа/кор;<br>- таҳияи нақша/барномаҳои стратегӣ, дарозмуддат ва ҷорӣ;<br>- банақшагирии кор ва истифодаи захираҳо;<br>- идоракунии вақт ва афзалиятҳо;<br>- ҳамоҳангсозии вазифаҳо барои худ ва дигарон;<br>- пешбурди баҳисобгирӣ. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣ ва рушди кормандон мусоидат менамояд | - мавҷудияти диди шахсӣ ва мақсадҳо;<br>- боварии қатъӣ ба ғояҳо ва диди шахсӣ;<br>- масъулиятнокӣ;<br>- устувории ахлоқӣ;<br>- риояи этика ва эстетика. |
| Омӯзише, ки ба мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мусоидат менамояд | - эътирофи зарурияти таълим бо назардошти тағйиротҳо;<br>- омода будан ба сарфи вақт ва сайю кӯшиш ба омӯхтани малакаҳои нав;<br>- хоҳиши таълим дар ҷойи кор ва берун аз он;<br>- самимӣ барои ғояҳо ва усулҳои нав;<br>- идоракунии худомӯзӣ;<br>- истифодаи таълим ба масъалаҳои «техникӣ» (масалан,омӯзиши маҳсулот) ва «мушкилоти одамон» (масалан, ҷанбаҳои байнишахсиятӣ ва фарҳангии кор);<br>- иштирок дар равандҳои ташаккулёбии пайваста. |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки | - доштани малакаҳои заминавии технологияи иттилоотӣ;<br>- хоҳиши аз худ кардани малакаҳои нави технологияи иттилоотӣ; |

| | |
|---|---|
| вазифаҳо мусоидат менамояд | - доштани донишҳо оид ба ҳифзи меҳнат, санитарияи истеҳсолӣ ва беҳдошт барои истифодабарии технологияҳо;<br>- доштани тавоноии ҷисмонии мувофиқ;<br>- риояи техникаи бехатарӣ;<br>- интихоб ва истифодабарии воситаҳои ҳимоявӣ барои бехатарии шахсӣ дар ҷойи корӣ;<br>- қоидаҳои ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва чорабиниҳои зидди сӯхтор ҳангоми кор бо дастгоҳҳои барқӣ;<br>- қоидаҳои ҷудокунӣ ва коркарди пасмондаҳо. |

# Воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ (трансверсалӣ)

<table>
<tr><td colspan="2">Номи воҳиди салоҳият</td><td>Рамзи воҳиди салоҳият</td></tr>
<tr><td colspan="2">Гузаштан аз муоинаи тиббӣ</td><td>ТС 01-1/01</td></tr>
<tr><td colspan="3">Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омодагӣ ва гузаштан аз муоинаи тиббиро бо мақсади таъмин намудани саломатӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, ошкор ва табобати саривақтии беморӣ ва пешгирӣ аз онро тавсиф менамояд.</td></tr>
<tr><td colspan="3">Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми ба кор қабул шудан;<br>- гузаштани муоинаи тиббии нақшавӣ ва ғайринақшавӣ тибқи ҷадвали ташкилот.</td></tr>
<tr><td colspan="3">Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- маҳорати баён кардани мақсади худ;<br>- маҳорати гӯш кардан ва шунидан;<br>- маҳорати таҳлили тавсияҳои хаттӣ.</td></tr>
<tr><td>Элементҳои ВС</td><td colspan="2">Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС</td></tr>
<tr><td>1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ</td><td colspan="2">1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ.<br>1.2. Шиносоӣ бо намудҳои муоинаи тиббӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда.</td></tr>
<tr><td>2. Гузаштан аз муоинаи тиббӣ</td><td colspan="2">2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда.<br>2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот.</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани беҳдошт (гигиена)-и шахсӣ;<br>- гирифтани маълумот оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ;<br>- гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда;<br>- пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот. |
| Донишҳои талабшаванда: | - муқаррарот оид ба қонунгузории меҳнат;<br>- маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) ва вазифаи он;<br>- қоидаҳои гузаштан аз муоинаи тиббӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- боинтизом;<br>- бомасъул;<br>- бовиҷдон. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1. Шиносоӣ бо тартиби гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳо оид ба гузаштани муоинаи тиббӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Шиносоӣ бонамудҳои муоинаи тиббӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Гузаштан аз муоинаи тиббӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Гузаштани муоинаи тиббии муқаддимавӣ, ҳатмӣ, даврӣ ва ғайринавбатӣ тибқи ҷадвали тасдиқшуда | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Пешниҳод намудани маълумотнома/дафтарчаи беҳбудсозӣ (санитарӣ) баъди батасвибрасонӣ ба корхона/ташкилот | | | | | | | | | | | √ |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Намудҳои муоинаи тиббӣ:*** | - муқаддимавӣ;<br>- ҳатмӣ;<br>- даврӣ ва ғайринавбатӣ. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Кор кардан дар даста** | **ТС 03-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур корҳои умумии мақсадноки даста, ки вазифаи умумиро бо қоидаҳои муқаррарнамудаи ташкилот ҳал мекунад, тавсиф менамояд. Коргарон дар комёбиҳои даста манфиати шахсӣ доранд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми кор дар коллективи ҳар ташкилот/корхона. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- вуҷуд надоранд. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ)-и ВС |
| 1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон. |

| | |
|---|---|
| | 1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар муҳлати таъиншуда.<br>1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузоштašуда. |
| 2. Кор кардан дар даста | 2.1.Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза.<br>2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дардаста.<br>2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста.<br>2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста. |
| 3. Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | 3.1. Муошират намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила.<br>3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ.<br>3.3. Истифода бурдани ***муошırати ғайришифоҳии*** мувофиқ.<br>3.4. Таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ.<br>3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан.<br>3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян.<br>3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - муошират, алоқаманд ба шунидан (гӯшдиҳӣ);<br>- савол додан;<br>-муошırати хаттӣ, возеҳ ва кӯтоҳ навиштани паём, қайдҳо, мактубҳо;<br>- ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан;<br>- бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан;<br>- ошкор ва воқиф шудан ба вазъияти мунокишавӣ, шикоятҳо дар доираи масъулият;<br>- дар даста кор кардан;<br>- гӯш додан ва шунавидан;<br>- малакаҳои заминавии босаводона хондан;<br>- малакаҳои худидоракунӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон;<br>- бартариҳои кор дар даста;<br>- воситаҳои робитавӣ;<br>- принсипҳои кори даста;<br>- тавсифот, усул ва меъёрҳои истифодаи воситаҳои гуногуни муошират;<br>- намудҳои қабул ва қоидаҳои рафтор дар онҳо;<br>- мафҳуми этика ва ахлоқ;<br>- одоби сӯҳбат ва маданияти нутқ;<br>- симои зоҳирӣ;<br>- ҳусни рафтори расмӣ ва сиёсӣ;<br>- тарзи рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҷойи кор;<br>- одоби сӯҳбатҳои телефонӣ бо мизоҷон ва ҳамкорон;<br>- калима, ибора ва услуби сӯҳбати телефонӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | - ба шахси вазифааш баландтар итоат кардан;<br>- ба дарккунӣ кӯшиш кардан; |

| | |
|---|---|
| | - бо атрофиён эҳтиромона муносибат кардан.<br>Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- меҳрубон;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳоҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муайян кардани мақсад ва вазифаҳо | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои кор дар даста якҷоя бо ҳамкорон | | | | | | | | | | | √ |
| 1.2. Муайян кардани ҷойкунонии афзалиятҳо ва иҷрои масъалаҳои алоҳида дар мухлати таъиншуда | | | | | | | | | | | √ |
| 1.3. Мувофиқа ва мутобиқ кардани уҳдадориҳои инфиродӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 2. Кор кардан дар даста | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Изҳори боварӣ кардан, дастгирӣ ва эҳтиром нисбати аъзоёни даста дар фаъолияти ҳаррӯза | | | | | | | | | | | √ |
| 2.2. Эътирофи ***фарқиятҳои фарҳангӣ*** дар даста | | | | | | | | | | | √ |
| 2.3. Ҳангоми зарурат истифода бурдани ёрии дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |
| 2.4. Эътино (муассирӣ) ба робитаи мутақобила ва иттилоот аз ҷониби дигар аъзоёни даста | | | | | | | | | | | √ |
| Элементи 3: Риоя кардани одоб ва зебоӣ (этика ва эстетика) | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.1. Муоширaт намудан бо ҳамкорон боадабона, хушмуомила | √ | | | | | | | | | | |
| 3.2. Истифода бурдани забон ва лаҳни мутобиқ ба вазъияти зикршуда дар робитаи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.3. Истифода бурдани муоширати ғайришифоҳии мувофиқ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.4. Изҳори таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарқиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 3.5. Истифодаи усулҳои фаъоли гӯш кардан | √ | | | | | | | | | | |
| 3.6. Интихоби воситаи робитаи мувофиқ вобаста аз вазъияти муайян | √ | | | | | | | | | | |
| 3.7. Истифодаи боодобонаи воситаҳои робита тибқи протоколҳои стандартӣ ва расму тартиби ташкилӣ | √ | | | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Фарқиятҳои фарҳангӣ:*** | - намудҳои саломдиҳӣ, хайрбод ва гуфтугӯ;<br>- забони имову ишораҳо;<br>- махсусияти услубҳои миллии муомилаи корӣ;<br>- махсусияти муносибати байнифарҳангӣ. |
| ***Муоширати ғайришифоҳӣ:*** | - забони имову ишора;<br>- риоя кардани фосилаи муайян байни шарикон. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Расонидани ёрии аввалия** | **ТС 04 – 2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур малака ва донишҳои заруриро барои расонидани ёрии аввалия ва нигаҳдории ҳаёт дар давраи то расонидани ёрии тиббӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми арзёбии ҳолатҳои рухдода, бартараф кардани таваккалҳои мушаххас, хавф ва захмҳои ба он алоқаманд. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 03 – 1/01 Кор кардан дар даста. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Арзёбии ҳолати рухдода | 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон.<br>1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида.<br>1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ.<br>1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин |

| | |
|---|---|
| | намудан.<br>1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида.<br>1.6. Бо ҷабрдида босаброна муоширaт карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан. |
| 2. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра).<br>2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда.<br>2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида. |
| 3. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ.<br>3.2. Истифодаи фишороварии мустақим ба ҷароҳат. |
| 4. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст.<br>4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст.<br>4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан. |
| 5. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | 5.1. Додани нафаси сунъӣ.<br>5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина. |
| 6. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | 6.1. Истифода бурдани усули Геймлих.<br>6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас бароmadани монеа. |
| 7. Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар.<br>7.2. Коркарди ҷойи сӯхта. |
| 8. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ.<br>8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ). |
| 9. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмуҳра | 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмуҳра.<br>9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ. |
| 10. Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил.<br>10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб.<br>10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| 11. Иттилоъ додан ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ | 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида.<br>11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- муайян намудани хатарҳои барқӣ;<br>- бартараф намудани хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- истифода намудани дастурамалҳо оид ба истифодабарии асбобу таҷҳизоти барқӣ;<br>- арзёбии вазъият ва кам кардани хунравӣ;<br>- ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм ва арзёбии ҳолати ҷабрдида;<br>- даъват намудани ёрии таъҷилӣ;<br>- иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда; |

| | |
|---|---|
| | - оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан;<br>- истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида;<br>- бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан;<br>- истифода намудани тахтача/чӯбча барои мустаҳкам кардани шикаст;<br>- додани нафаси сунъӣ;<br>- масҳ кардани дил ва қафаси сина;<br>- хондан, фаҳмидани дастурамал ва истифода бурдани он;<br>- истифодаи воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб;<br>- расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарии барқӣ;<br>- хатарҳои барқии ҳангоми кор рухдода;<br>- қоидаҳои бартарафкунии хатарҳои ба ҳаёти инсон таҳдидкунанда;<br>- амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида;<br>- дастури Ҳилоли Аҳмар оид ба принсипҳои расонидани ёрии аввалия;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ ва нафасгиршавӣ;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан;<br>- дастурамали расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна ва осеб дидани сутунмуҳра;<br>- монеашавии роҳҳои нафасгирӣ/нафастангӣ;<br>- сӯхтан (ҳароратӣ, кимиёвӣ, барқӣ, соишхӯрӣ);<br>- қоида ва тартиби додани нафаси сунъӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор;<br>- масъул;<br>- уҳдабаро;<br>- мушфиқ;<br>- раҳмдил. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Арзёбии ҳолати рухдода | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Арзёбии вазъият ва кам кардани ***хатар,*** ба вуҷуд оварандаи таваккали захмгирӣ ё беморӣ барои худ ва дигарон | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Ошкор кардани ҳодисаи нохуш, захм, беморӣ ва арзёбии ҳолати ҷабрдида | | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Даъват намудани ёрии таъҷилӣ | | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Оромона ба ҷабрдида дар бораи ҳолати ӯ иттилоъ дода, таскин намудан | | | | | | | | | √ | | |
| 1.5. Истифода бурдани ашё ё таҷҳизоти дастрас барои худро бароҳат ҳис кардани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| 1.6. Бо ҷабрдида босаброна муошират карда, ҳамдардӣ ва эҳтиром зоҳир намудан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 2:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидан аз барқ ва раъд | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Бартараф намудани таъсири омилҳои хавфнок (аз таъсири ҷараёни барқӣ озод кардан, хомӯш кардани либосҳои сӯхта, аз об дур кардани ҷабрдида ва ғайра) | | | | | | | | | √ | | |
| 2.2. Муайян намудани характери зарари ба ҳаёти ҷабрдида бештар таҳдидкунанда | | | | | | | | | √ | | |
| 2.3. Иҷро намудани пайдарпайии амалҳо оид ба наҷот додани ҷабрдида | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 3:Расонидани ёрии аввалия ҳангоми хунравӣ | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.1. Расонидани ёрӣ дар боздошти хунравӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 3.2. Истифодаи фишороварии мустақим ба ҷароҳат | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 4: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми шикасти устухон | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Беҳаракат кардани қитъаи шикаст | | | | | | | | | √ | | |
| 4.2. Карахт кардани қитъаи шикаст | | | | | | | | | √ | | |
| 4.3. Тахтачабандӣ (шинагузорӣ) кардани узви шикастаи бадан | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 5: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ғарқшавӣ | | | | | | | | | | | |
| 5.1. Додани нафаси сунъӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 5.2. Гузаронидани масҳи мустақим ба қафаси сина | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 6: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми нафасгиршавӣ | | | | | | | | | | | |
| 6.1. Истифода бурдани ***усули Геймлих*** | | | | | | | | | √ | | |
| 6.2. Такрор кардани усул то аз нойи нафас баромадани монеа | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 7: Расонидани ёрии аввалия зимни сӯхтан | | | | | | | | | | | |
| 7.1. Баровардан ба ҷойи бехатар | | | | | | | | | √ | | |
| 7.2. Коркарди ҷойи сӯхта | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 8: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми зарбхӯрии майна | | | | | | | | | | | |
| 8.1. Санҷидани нишонаҳои зарбхӯрӣ | | | | | | | | | √ | | |
| 8.2. Муайян кардани нишонаҳо (азҳушравӣ, аз даст додани тамоюлот, хирашавии хотира, сарчархзанӣ, дилбеҳузурӣ) | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 9: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми осеб дидани сутунмуҳра | | | | | | | | | | | |
| 9.1. Иҷрои амали дуруст ҳангоми гумонбарии осеби сутунмуҳра | | | | | | | | | √ | | |
| 9.2. Зоҳир намудани эҳтиёткорӣ ҳангоми додани нафаси сунъӣ | | | | | | | | | √ | | |
| Элементи 10: Расонидани ёрии аввалия ҳангоми ҳолатҳои фаврии ғайримуқаррарӣ | | | | | | | | | | | |
| 10.1. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи дил | | | | | | | | | √ | | |
| 10.2. Расонидани ёрӣ ҳангоми сактаи асаб | | | | | | | | | √ | | |
| 10.3. Расонидани ёрӣ ҳангоми заҳролудшавӣ | | | | | | | | | √ | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 11: Иттилоъ додан ба кормандони тиб оид ба расонидани ёрӣ | | | | | | | | | | | |
| 11.1. Иттилоъ додан оид ба вақт ва чораҳои андешида | | | | | | | | | √ | | |
| 11.2. Иттилоъ додан оид ба доруворихои истифодашуда | | | | | | | | | √ | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Хатар*** – | - ҷисмонӣ;<br>- биологӣ;<br>- кимиёвӣ;<br>- марбут ба омили инсонӣ. |
| ***Усули Геймлих*** – | Тартиби амал ҳангоми расонидани ёрӣ ба нафасгиршуда:<br>- бояд аз паси ҷабрдида истода (агар ҳанӯз рост истода ва ба ҳуш бошад), бо дастон ӯро дар бар гирифтан;<br>- як дастро мушт карда, бо он тарафе, ки ангушти калон дорад, ба шиками ҷабрдида дар сатҳи байни нофу қавсакҳои тахта (қабурға)-ҳо гузоштан;<br>- кафи дигар дастро ба болои мушт гузошта, бо тапишдиҳии зуд ба боло бо мушт ба шикам зер мекунанд;<br>- дастонро баробари ин якбора аз оринҷ қат мекунанд, лекин қафаси синаи ҷабрдидаро зер кардан лозим нест;<br>- ин усулро ҳангоми зарурат чанд маротиба такрор мекунанд, то роҳи нафас кушода шавад;<br>- агар роҳи нафас кушода шавад, нафасгирии одам барқарор мешавад ва рангу рӯяш муътадил мегардад. |

| | |
|---|---|
| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
| **Истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-компютерӣ** | **ТС 05-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди шиносоӣ бо технологияи иттилоотиро дар сатҳи заминавӣ - кор бо муҳаррири матнӣ ва графикӣ, почтаҳои электронӣ, ҷустуҷӯ ва бозкашии (скачивание) иттилоотро аз Интернет тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- қобили истифода ба ҳар корманд. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- тавонистани хондан ва навистан. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Шиносоӣ бо сохти компюте | 1.1. Шиносоӣ бо функсияҳо (амалкардҳо)-и ***қисмҳои асосии компютери фардӣ***.<br>1.2. Кор кардан бо ***қисмҳои иловагии компютер.*** |
| 2. Кор кардан дар барномаи «WINDOWS» | 2.1. Омода намудани компютер ба кор.<br>2.2. Истифода намудани ***гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура).***<br>2.3. Кор кардан бо файлҳо.<br>2.4. Кор кардан бо ***лавҳаи идоракунӣ.*** |
| 3. Кор кардан дар барномаи офисӣ | 3.1. Кор кардан дар барномаи «WORD».<br>3.2. Кор кардан дар барномаи «POWER POINT».<br>3.3. Кор кардан бо муҳаррири матнӣ.<br>3.4. Кор кардан бо муҳаррири графикӣ. |

| | |
|---|---|
| 4. Пайваст ва истифода намудани «Интернет» | 4.1. Истифода намудани таҷҳизоти васлгарӣ барои пайвастшавӣ бо Интернет.<br>4.2. Кор кардан бо ***хадамоти ҷустуҷӯӣ*** ҷиҳати дарёфти маълумот/иттилоот.<br>4.3. Кор кардан бо ***браузерҳо.*** |
| 5. Кор кардан бо почтаҳои электронӣ | 5.1. Бақайдгирӣ дар почтаи электронӣ (почта, шабакаҳои иҷтимоӣ).<br>5.2. Ирсол ва қабул намудани мактубҳо тариқи почтаи электронӣ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - пайваст кардани таҷҳизоти компютерӣ;<br>- муайян намудани наслҳои компютерҳо;<br>- кор кардан бо қисмҳои иловагӣ (принтер, сканер, манбаи тағзияи муттасил (UPS) ва ғайра;<br>- истифода намудани компютерҳо ва барномаҳои он;<br>- кор кардан бо ҳомили файлҳо;<br>- кор кардан бо барномаҳои зиддивирусӣ;<br>- сохтани файлҳо ва сабт кардани онҳо дар компютер;<br>- сохтани файли «WORD» дар компютер ва сабт кардани он;<br>- сохтани файли барномаи «POWER POINT» ва сабт кардани он;<br>- чоп кардани ҳуҷҷатҳо дар компютер;<br>- ворид намудани расм ва графикҳо дар барномаҳои офисӣ;<br>- ҷӯрсозии параметрҳои Интернет;<br>- боргирии маълумот аз Интернет;<br>- кор кардан бо ҷустуҷӯгарҳо (браузерҳо)-и Интернет;<br>- кор кардан бо мессенҷерон;<br>- қабул, ирсол ва эътинои (игнорировать) мактубҳои почтаи электронӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - наслҳои компютерҳо;<br>- қисмҳои асосӣ ва иловагии компютер;<br>- гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо);<br>- функсияҳои қисмҳои иловагӣ (принтер, сканер), манбаи тағзияи муттасил (UPS) ва ғайра;<br>- системаи амалиётии компютер;<br>- драйверҳои қисмҳои иловагӣ;<br>- лавҳаи идоракунӣ ва дохилшавӣ ба он;<br>- намудҳои барномаҳои офисӣ;<br>- тарзи насб кардани барномаҳои офисӣ дар компютер;<br>- тартиби кори барномаҳои офисӣ;<br>- дастрас намудани барномаҳои офисӣ аз Интернет ва ширкати истеҳсолкунанда;<br>- таҷҳизот ва дастгоҳ барои пайвастшавӣ ба хатти Интернет;<br>- тарзи бехатар кор кардан дар шабакаи Интернет;<br>- хадамоти ҷустуҷӯӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ;<br>- кибернетика ва кибертерроризм ва пешгири аз онҳо;<br>- намудҳои мессенҷерон ва тарзи кори онҳо;<br>- почтаи электронӣ ва тарзи дурусти истифодаи он;<br>- бехатарӣ ва ҳифзи маълумот ҳангоми кор бо почтаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- покизакор; |

| | |
|---|---|
| | - масъул;<br>- эҳтиёткор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Шиносоӣ бо сохти компютер | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Шиносоӣ бо функсияҳои қисмҳои асосии компютери фардӣ | | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. Кор кардан бо қисмҳои иловагии компютер | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 2: Кор кардан дар барномаи «WINDOWS» | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Омода намудани компютер ба кор | √ | | | | | | | | | | |
| 2.2. Истифода намудани гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура) | √ | | | | | | | | | | |
| 2.3. Кор кардан бо файлҳо | √ | | | | | | | | | | |
| 2.4. Кор кардан бо лавҳаи идоракунӣ | √ | | | | | | | | | | |
| 6. Элементи 3: Кор кардан дар барномаи офисӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Кор дар барномаи «WORD» | | √ | | | | | | | | | |
| 3.2. Кор дар барномаи «POWER POINT» | | | | | | | | √ | | | |
| 3.3. Кор бо муҳаррири матнӣ | | √ | | | | | | | | | |
| 3.4. Кор бо муҳаррири графикӣ | | √ | | | | | | | | | |
| Элементи 4: Пайваст ва истифода намудани «Интернет» | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Истифода намудани таҷҳизотиваслгарӣ барои пайвастшавӣ бо Интернет | √ | | | | | | | | | | |
| 4.2. Кор кардан бо хадамоти ҷустуҷӯӣ ҷиҳати дарёфти маълумот/иттилоот | √ | | | | | | | | | | |
| 4.3. Кор кардан бо браузерҳо | √ | | | | | | | | | | |
| Элементи 5: Кор кардан бо почтаҳои электронӣ | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5.1. Бақайдгирӣ дар почтаи электронӣ (почта, шабакаҳои иҷтимоӣ) | √ | | | | | | | | | | |
| 5.2. Ирсол ва қабул намудани мактубҳо тариқи почтаи электронӣ | √ | | | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Компютери фардӣ (КФ):*** | - компютере, ки онро танҳо як одам истифода мебарад (ё соҳибӣ мекунад) (аз калимаи «personal», яъне барои як фард) |
| ***Қисмҳои асосӣ ва иловагии компютер:*** | *қисмҳои асосии компютер:*<br>- монитор;<br>- блоки системавӣ;<br>- ҳарфкалид (клавиатура);<br>- мушак.<br>*қисмҳои иловагии компютер:*<br>- принтер;<br>- УПС;<br>- овозбарор;<br>- гӯшмонак (наушник);<br>- сканер;<br>- ёдгора//флеш-захирасоз (накопител);<br>- модем. |
| ***Гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура):*** | - тақсимоти тугмачаҳо (клавишҳо)-и ҳарфкалид (клавиатура) дар асоси функсия ва ҷойгиршавии онҳо. Гурӯҳи тугмачаҳо (клавишҳо) дар ҳарфкалид (клавиатура) тақсим мешавад: - ба иловагӣ, алифбоӣ–рақамӣ, хизматӣ, фунсионалӣ, барои кор бо курсор муқарраргардида. |
| ***Лавҳаи идоракунӣ:*** | - қисмати истифодашавандаи интерфейс Microsoft Windows, ки иҷрои амалҳои асосӣ оид ба ҷурсозии система, чун иловакунӣ ва ҷӯрсозии дастгоҳ, насб ва деинсталлятсияи (интисоби)-и барномаҳо, идоракунии баҳисобгирии сабтҳо, воридкунии имконоти махсус ва инчунин, якчанд амалҳои дигари марбут ба идоракунии системаро имкон медиҳад. |
| ***Хадамотиҷустуҷӯии Интернет:*** | - yandex;<br>- google;<br>- yahoo;<br>- bing ва ғайра. |
| ***Браузер*** - ин: | - барномае, ки бо ёрии он веб-саҳифаҳо аз назар гузаронида мешаванд. Новобаста аз оне, ки намудҳои гуногуни браузер зиёданд, мазмуни кори онҳо ин - кушодани сомонаҳо мебошад. Барои ин, дар ҳар браузер сатри нишонигӣ вуҷуд дорад-майдоне, ки дар он номгӯйи сомона барои кушодашавии он чоп/навишта мешавад. |

## Воҳидҳои салоҳияти заминавӣ (базавӣ)

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ** | **LB 01-1/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди риояи қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар ҷойи кор тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҷои кор. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС 03-1/01 Кор кардан дар даста;<br>- ТС 04-2/01 Расонидани ёрии аввалия. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат | 1.1. Бастани шартномаи меҳнатӣ бо корфармо.<br>1.2. ***Гузаронидани дастурдиҳӣ*** (муқаддимавӣ, ибтидоӣ, ҷорӣ) оид ба техникаи бехатарӣ.<br>1.3. Истифода намудани ***либоси махсуси*** корӣ ва ***воситаҳои муҳофизатӣ***. |
| 2. Риоя намудани ***қоидаҳои техникаи бехатарӣ*** ҳангоми кор дар мошини рангкунӣ | 2.1. Санҷидани ҳолати мошини рангкунӣ пеш аз истифодабарӣ.<br>2.2. Истифода намудани мошини рангкунӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ. |
| 3. Риоя намудани меъёрҳо ва қоидаҳои истифодабарии маводи кимиёвӣ | 3.1. Шинос шудан бо хусусиятҳои маводи кимиёвӣ.<br>3.2. Истифода намудани маводи кимиёвӣ мувофиқи меъёр ва дастурҳо.<br>3.3. Гирифтани партовҳои боқимондаи маводи кимиёвӣ дар зарфҳои муайян.<br>3.4. Риоя намудани қоидаҳои истифода ва нобуд кардани боқимондаи маводи кимёвии рангкунӣ. |
| 4. Риоя намудани ***қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор*** | 4.1. Риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор мувофиқ ба қоидаҳои дохилии корхона.<br>4.2. Кӯчонидан (тахлия)-и одамон аз рӯи нақша ва қоидаҳои кӯчонидан дар ҳолатҳои фавқулода.<br>4.3. Истифода намудани ***воситаҳои оташнишонӣ*** мувофиқи дастурамал. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи беҳдорию беҳдошти шахсӣ;<br>- кор кардан мувофиқи дастурамалҳо оид ба ҳифзи меҳнат дар ҷои кор;<br>- истифодаи либоси махсуси корӣ ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- шинос шудан бо санадҳои меъёрии техникии ҳуқуқӣ ва санадҳои маҳаллии меъёрию ҳуқуқии ҳифзи меҳнат;<br>- пайдо намудани маълумот оид ба тартиботи дохилии ташкилот/корхона;<br>- гирифтани иҷозат барои иҷрои корҳо аз рӯи супоришнома ва ё амр;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои муҳофизатӣ тибқи талаботи муассиса/ташкилот;<br>- истифодаи воситаҳои муҳофизатии барқӣ;<br>- санҷидани ҳолати коршоямии воситаҳои ҳимоявӣ; |

| | |
|---|---|
| | - истифода бурдани системаи эҳтиётӣ;<br>- истифодаи воситаҳои оташнишонӣ тибқи дастурамал ва таъйинот;<br>- расонидани ёрии аввалия ҳангоми сӯхтан. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- санадҳои меъёрии техникии ҳуқуқӣ ва санадҳои маҳаллии меъёрию ҳуқуқии ҳифзи меҳнат;<br>- тартиботи дохилии ташкилот/корхона оид ба ҳифзи меҳнат;<br>- намудҳои дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ;<br>- қоидаҳои бехатарии барқии ташкилот;<br>- қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо асбоб ва таҷҳизоти корӣ;<br>- қоидаҳои истифода бурдани воситаҳои ҳимояи эҳтиётӣ;<br>- қоидаҳои бехатарии сӯхтори ташкилот;<br>- қоидаҳои тахлияи одамон (кӯчонидан) ҳангоми вазъиятҳои фавқулода;<br>- сабабҳои сар задани сӯхтор ва пешгирӣ аз онҳо. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- масъулнок;<br>- уҳдабаро;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Бастани шартномаи меҳнатӣ бо корфармо | √ | | √ | | | | | | | | |
| 1.2. ***Гузаронидани дастурдиҳӣ*** (муқаддимавӣ, ибтидоӣ, ҷорӣ) оид ба техникаи бехатарӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Истифода намудани ***либоси махсуси*** корӣ ва ***воситаҳои муҳофизатӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Риоя намудани ***қоидаҳои техникаи бехатарӣ*** ҳангоми кор дар мошини рангкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Санҷидани ҳолати мошини рангкунӣ пеш аз истифодабарӣ | √ | | √ | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.2. Истифода намудани мошини рангкунӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 3: Риоя намудани меъёрҳо ва қоидаҳои истифодабарии маводи кимиёвӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Шинос шудан бо хусусиятҳои маводи кимиёвӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Истифода намудани маводи кимиёвӣ мувофиқи меъёр ва дастурҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Гирифтани партовҳои боқимондаи маводи кимиёвӣ дар зарфҳои муайян | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.4. Риоя намудани қоидаҳои истифода ва нобуд кардани боқимондаи маводи кимёвии рангкунӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 4: Риоя намудани ***қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор*** | | | | | | | | | | | |
| 4.1. Риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор мувофиқ ба қоидаҳои дохилии корхона | √ | | | √ | | | | | | | |
| 4.2. Кӯчонидан (тахлия)-и одамон аз рӯи нақша ва қоидаҳои кӯчонидан дар ҳолатҳои фавқулода | √ | | | √ | | | | | | | |
| 4.3. Истифода намудани ***воситаҳои оташнишонӣ*** мувофиқи дастурамал | √ | | | √ | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Гузаштани дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ*** – маъно дорад: | - қабл аз иҷозатдиҳии коргар ба иҷрои вазифаи худ сардор ва шахсони масъул оид ба бехатарӣ уҳдадоранд бо одам ва корманд дастурдиҳии техникаи бехатариро гузаронанд ва имзои дастургирандаро дар журнали техникаи бехатарӣ ба қайд гиранд. Қоидаи мазкур–шарти ҳатмии муносибатҳои меҳнатӣ, батартибдаровардашудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Гузаштани он ҳатто ба роҳбари ширкат ҳатмист. Танҳо баъди шиносоӣ бо дастур оид ба техникаи бехатарӣ кормандро метавон ба иҷрои корҳо иҷозат дод. |
| ***Либоси махсус*** - ин: | - сарпӯшҳо, шим, комбинезон, камзӯл, пойафзол ва монанди инҳо, яъне он чизҳое, ки ба предметҳои либос тааллуқ доранд ва барои аз омилҳои хатарноки беруна муҳофизат кардани ҳаёт ва саломатии кормандон дар раванди иҷрои корҳо таъйинот доранд. |
| ***Воситаҳои муҳофизатӣ*** - ин: | - айнакҳои муҳофизатӣ;<br>- дастпӯшакҳо;<br>- ниқоб/респиратор. |

| | |
|---|---|
| ***Қоидаҳои техникаи бехатарӣ*** - ин: | - системаи чорабиниҳои муташаккилона, санадҳои меъёрӣ, воситаҳои техникӣ ва усулҳои пешгирикунандаи таъсири омилҳои хатарноки истеҳсолӣ ба коргар. |
| ***Қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор*** –ин: | - системаи тадбирҳои муташаккилонаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои пешгирикунандаи ҳолати хатари оташ, барҳамдиҳии он ва таъсиррасонии омилҳои хатарноки истеҳсолӣ ба коргарон. |
| ***Воситаҳои сӯхторхомушкунӣ*** –ин: | - воситаи махсуси дар ихтиёрдошта ва инчунин, асбобу анҷоми истифодашаванда барои оташнишонӣ (ҷумаки оташнишонӣ (гидрант), рӯдаҳои оташнишонӣ, оташнишонак, қум, об, чангаки сухторнишонӣ, мисрон (лом), бел, сатил ва ғайра). |

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Муошират кардан бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ** | | **LB 02-3/01** |
| Воҳиди салоҳиятҳои мазкур, маҳорат ва дониши зарурӣ барои фаҳмиш ва истифодаи фарққунанда аз забони тоҷикӣ (русӣ, англисӣ ва ғ.) дар мисоли истифодаи ифодаҳое, ки доимӣ дар ҷои кор (саломдиҳӣ, хайрухуш, бахшиш ва ғ.) маъмуланд, инъикос мекунад. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>кормандони ҳама сатҳҳои соҳаи мазкур. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>надорад. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Муошироти боадабона бо мизоҷон/фармоишгарон | 1.1. Муайян кардани забони мушаххас барои муошират зарур.<br>1.2. Истифодаи ***ибораҳои одии маъмулан истифодашавандаи*** одоб (салому алейк, хайру хуш, маъзарат, сипосгузорӣ) бо мизоҷон/фармоишгарон.<br>1.3. Истифодаи забони имову ишора ё луғат, агар монеаи забонӣ пайдо шавад.<br>1.4. Истифодаи ***захираҳои мувофиқ*** ва муроҷиат ба ёрии ҳамкорон - донандагони забони мазкур. | |
| 2. Муошират кардан бо мизоҷон/фармоишгарон бо забони фарққунанда аз тоҷикӣ (русӣ, англисӣ ва диг.), барои иҷрои корҳои рӯзмарра дар ҷои кор | 2.1. Фаҳмидан ва истифода бурдани калимаҳои калидӣ, ибораҳои кӯтоҳ ва имову ишораҳо барои давом додани ***муошират.***<br>2.1. Истифодаи ҳама гуна ***усулҳои визуалӣ*** барои беҳтар ва иваз кардани муошироти шифоҳӣ. | |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - малакаҳои робитавӣ ва байнишахсии муошироти ҳалимона бо ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон;<br>- истифода намудани калимаҳои асосӣ, ибораҳо, ифодаҳои кӯтоҳ ва рақамҳо, барои муошират бо мизоҷон/фармоишгарон зарур, мувофиқ ба чои корӣ мушаххас;<br>- истифода намудани забони имову ишора ё луғат;<br>- талаффуз намудани калимаҳо ва ибораҳо барои иҷрои кор;<br>- талафузи номҳои таҷҳизоти муҳофизати шахсӣ ва либоси махсус бо забони омӯхташаванда;<br>- талафузи номгӯйи асбоб ва таҷҳизотҳо, нишонаҳо дар аломатҳои огоҳкунанда. |

| | |
|---|---|
| Донишҳои талабшаванда: | - алифбои забони омӯхташаванда;<br>- оид ба масъалаҳои робитаҳои фарҳангӣ, роҳ надодани таҳқирҳои тасодуфӣ ба ҳамкасбон ё шарикон;<br>- қоидаҳои талаффузи калимаҳо ва ибораҳо;<br>- қоидаҳои талаффузи калимаҳо ва ибораҳо;<br>- номҳои таҷҳизоти муҳофизати шахсӣ ва либоси махсус;<br>- номгӯйи асбоб ва таҷҳизотҳо бо забони хориҷӣ;<br>- нишонаҳо дар аломатҳои огоҳкунанда. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- ҳалим;<br>- мушфиқ;<br>- ташаббускор;<br>- бофарҳанг;<br>- саъйу кӯшиш кардан барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элемент ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Муоширати боадабона бо мизоҷон/фармоишгарон | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян кардани забони мушаххас барои муошират зарур. | | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Истифодаи ибораҳои одии маъмулан истифодашавандаи одоб (салому алейк, хайру хуш, маъзарат, сипосгузорӣ) бо мизоҷон/фармоишгарон. | | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Истифодаи забони имову ишора ё луғат, агар монеаи забонӣ пайдо шавад. | | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Истифодаи захираҳои мувофиқ ва муроҷиат ба ёрии ҳамкорон - донандагони забони мазкур. | | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Муошират кардан бо мизоҷон/фармоишга- рон бо забони фарққунанда аз тоҷикӣ (русӣ, англисӣ ва диг.), барои иҷрои корҳои рӯзмарра дар ҷои кор | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.1. Фаҳмидан ва истифода бурдани калимаҳои калидӣ, ибораҳои кӯтоҳ ва имову ишораҳо барои давом додани муошират | | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Истифодаи ҳама гуна усулҳои визуалӣ барои беҳтар ва иваз кардани муошират и шифоҳӣ | | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| *Ибораҳои маъмули зуд-зуд истифодашаванда:* | субҳ ба хайр;<br>корҳоятон чи тавр?<br>то боздид;<br>ба шумо чӣ кумак карда метавонам?<br>бубахшед ман шуморо намефаҳмам;<br>Шумо бо забони...гап мезанед? ва ғайра. |
| *Захираҳои мувофиқ:* | дафтарча барои қайди ёдоштҳо, сабти калимаҳо, абзорҳо барои афзун кардани луғат;<br>луғатҳои гуногун (мавзӯӣ, касбҳои ҷудогона, бо расмҳо ва ғ.);<br>китобчаҳо (брошюраҳо);<br>имзоҳо бо тавзеҳот;<br>сомонаҳо барои тарҷума. |
| *Муошират:* | маслиҳатҳо ва эзоҳ додан;<br>пешниҳод намудани маълумотҳо, монанди: соати корӣ, намуди кор, нархнома ва ғ.;<br>кумак дар доираи вазифаҳои худ, инчунин ба ҳамкорон/мизоҷон аз рӯи хоҳиши онҳо;<br>фаҳмондан ва таъмин кардани самтҳои одӣ ва ғ. |
| *Усулҳои визуалӣ (дидорӣ):* | қайд, нишон додани иттилооти зарурӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ, ҳуҷҷатҳо ва нақшаҳо;<br>истифодаи калкулятор барои арзиши музди кор ва хароҷотҳои муайян;<br>истифода намудани забони имову ишора;<br>нишон додани ашёи мушаххас. |

## Воҳидҳои салоҳиятҳои касбӣ

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Қабул намудани басти кор** | **LI 8154-01-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди гирифтани супориш аз сардори баст, қабул намудани мошин аз ҳамбаст ва маълумот додан оид ба нуқсонҳо ба усторо тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҳама ҷойҳои корӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- ТС-01-1/01 Гузаштан аз муоинаи тиббӣ;<br>- ТС 04-2/01 Расонидани ёрии аввалия;<br>- LB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Гирифтани супориш аз сардори баст | 1.1. Гирифтани варақаи супоришӣ.<br>1.2. Шинос шудан бо супориш.<br>1.3. Муайян намудани ***реҷаи корӣ тибқи супориш.*** |
| 2. Қабул намудани мошин аз ҳамбаст | 2.1. Санҷидани ҳолати мошини рангкунӣ.<br>2.2. Санҷидани сенсорҳо.<br>2.3. Санҷидани ҳолати мошини рангкунӣ барои муайян намудани нуқсон. |
| 3. Маълумот додан оид ба нуқсонҳо ба усто | 3.1. Манъ намудани мошини рангкунӣ ҳангоми ошкор намудани нуқсон.<br>3.2. Гирифтани маҳсулоти нуқсондор.<br>3.3. Гузоштани маҳсулоти нуқсондор ба ҷои муайяншуда.<br>3.4. Огоҳ намудани сардори баст аз дарёфт намудани маҳсулоти нуқсондор. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми санҷидани ҳолати кори мошини рангкунӣ;<br>- шинос шудан бо варақаи супоришӣ;<br>- қайд гузоштан дар дафтар/журнали баст;<br>- шинос шудан бо тартиби кори мошини рангкунӣ;<br>- иҷро намудани корҳо мувофиқи тартиботи дохилии корхона/ташкилот;<br>- тартиб додани реҷаи корӣ;<br>- шинос шудан бо дастурамали вазифавӣ ва кор кардан дар асоси он;<br>- гирифтани маълумот оид ба қабули баст дар корхона/ташкилот;<br>- кор кардан мувофиқи супориши сардори баст/технолог;<br>- расонидани ёрии аввалия. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми санҷидани ҳолати кори мошини рангкунӣ;<br>- дастурамал оид ба пешниҳод ва рангкунии маҳсулот;<br>- қоидаҳои қабул намудани мошини рангкунӣ аз ҳамбаст;<br>- тартиботи дохилии корхона/ташкилот;<br>- намудҳои мошини рангкунӣ ва тартиби кори онҳо;<br>- қоидаҳои қабули басти корӣ;<br>- дастурамали вазифавии оператори мошини рангкунӣ;<br>- усулҳои муайян намудани нуқсонҳо;<br>- тартиби гирифтани супориш аз сардори баст/технолог;<br>- маълумот оид ба қабули баст дар корхона/ташкилот;<br>- дастурамали ёрии аввалия. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- бомасъулият;<br>- ташаббускор;<br>- ташкилотчӣ;<br>- эҳтиёткор;<br>- мутмаин;<br>- тозакор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Гирифтани супориш аз сардори баст | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Гирифтани варақаи супоришӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Шинос шудан бо супориш | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Муайян намудани ***реҷаи корӣ тибқи супориш*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Қабул намудани мошин аз ҳамбаст | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Санҷидани ҳолати мошини рангкунӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Санҷидани сенсорҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Санҷидани ҳолати мошини рангкунӣ барои муайян намудани нуқсон | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 3: Маълумот додан оид ба нуқсонҳо ба усто | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Манъ намудани мошини рангкунӣ ҳангоми ошкор намудани нуқсон | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Гирифтани маҳсулоти нуқсондор | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Гузоштани маҳсулоти нуқсондор ба ҷои муайяншуда | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.4. Огоҳ намудани сардори баст аз дарёфт намудани маҳсулоти нуқсондор | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Реҷаи корӣ тибқи супориш*** муайян карда мешавад аз рӯи: | - микдор;<br>- сифат;<br>- ранг;<br>- дастурхат;<br>- намуди матоъ (пахтагин, синтетикӣ, пашмин ва шёлк) |

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Омода намудани ҷойи корӣ** | | **LI 8154-02-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омода намудани асбобҳои корӣ ва ба кор даровардани мошин тибқӣ харитаи технологӣ бо назардошти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- дар ҳама ҷойҳои корӣ. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- LB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- LI 8152-01-2/01 Қабул намудани басти кор. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Омода намудани асбобҳои кории дастӣ | 1.1. Қабул намудани асбоб ва маводи корӣ.<br>1.2. Имзо гузоштан дар дафтари қабул.<br>1.3. Санҷидани коршоямии асбоб ва маводи корӣ.<br>1.4. Гузоштани асбоб ва маводи корӣ ба ҷои махсус. | |
| 2. Ба кор даровардани мошини рангкунӣ | 2.1. Шинос шудан бо дастурамали истифодабарии мошини рангкунӣ.<br>2.2. Шинос шудан бо ***харитаи технологӣ.***<br>2.3. Аз назар гузаронидани ноқилҳои барқӣ ва механизмҳои мошини рангкунӣ.<br>2.4. Пайваст намудани мошини рангкунӣ ба воситаи калиди асосӣ.<br>2.5. Ба кор даровардани мошин ба ***реҷаи санҷишӣ.***<br>2.6. Ба кор даровардани мошини рангкунӣ ба кори даврӣ. | |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- риоя намудани тартиботи дохилии корхона/ташкилот;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- кор кардан тибқи харитаи технологӣ;<br>- кор кардан бо асбобҳо ва маводи корӣ;<br>- иҷро кардани корҳои рангкунӣ дар мошини рангкунӣ;<br>- иваз намудани реҷаи кори мошини рангкунӣ;<br>- иҷро кардани корҳо мувофиқи дастурамали вазифавӣ;<br>- гирифтани маълумот оид ба тартиби кори мошини рангкунӣ;<br>- расонидани ёрии аввалия. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- дастурамали истифодабарии мошини рангкунӣ;<br>- қоида ва меъёрҳои саноати рангкунӣ;<br>- қоидаҳои истифодабарии мошини рангкунӣ;<br>- тартиби гирифтани асбоб ва маводи корӣ;<br>- варақаи технологӣ ва тарзи кор кардан аз рӯи он;<br>- тартиби иваз намудани реҷаҳои кори мошини рангкунӣ;<br>- тарзи кор бо мошини рангкунӣ;<br>- намудҳои мошини рангкунӣ ва тартиби кори онҳо. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- бомасъулият;<br>- эҳтиёткор;<br>- ташаббускор;<br>- тозакор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамой (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Омода намудани асбобҳои кории дастӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Қабул намудани асбоб ва маводи корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Имзо гузоштан дар дафтари қабул | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Санҷидани коршоямии асбоб ва маводи корӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.4. Гузоштани асбоб ва маводи корӣ ба ҷои махсус | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Ба кор даровардани мошини рангкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Шинос шудан бо дастурамали истифодабарии мошини рангкунӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Шинос шудан бо ***харитаи технологӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Аз назар гузаронидани ноқилҳои барқӣ ва механизмҳои мошини рангкунӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.4. Пайваст намудани мошини рангкунӣ ба воситаи калиди асосӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.5. Ба кор даровардани мошин ба ***реҷаи санҷишӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.6. Ба кор даровардани мошини рангкунӣ ба кори даврӣ | √ | | | √ | | | | | | | |

## **Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Харитаи технологӣ:*** | - ин ҳуҷҷати ҳатмист, ки барои кор пешакӣ омода карда мешавад. Ин ҳуҷҷат, амалҳои ҳатмӣ, раванди кори мутахассисро аз ибтидо то охири раванди кор дар бар мегирад. Инчунин раванди технологии истеҳсоли маҳсулот ё иҷрои корро тавсиф мекунад. Дар харитаи технологӣ маълумот дар бораи он, ки кадом амалҳоро бо кадом пайдарпайӣ ва бо истифода аз кадом воситаҳо иҷро кардан лозим аст. |

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Омода намудани маҳлули ранг** | | **LI 8152-03-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди омода намудани рангҳоро мувофиқ ба дастурхат ва бо назардошти риояи техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодабарии моддаҳои кимиёвӣ тавсиф менамояд. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми ранг кардани ресмон, ришта ва матоъҳои нассоҷии аз наххои гуногун тайёршуда. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- LB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- LI 8152-01-2/01 Қабул намудани басти кор;<br>- LI 8152-02-2/01 Омода намудани ҷойи корӣ. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Интихоб намудани ранги мувофиқ | 1.1. Муайян намудани мақсади ***рангуборкунӣ.***<br>1.2. Шинос шудан ба дастурҳои истеҳсолкунандаи ранг.<br>1.3. Санҷидани намуди ранг мувофиқи таркиби ***ресмон*** дар озмоишгоҳ. | |
| 2. Тайёр намудани маҳлули ранг | 2.1. Интихоб намудани ***усули рангкунӣ*** бо назардошти таркиб ва вазни ресмон.<br>2.2. Риоя намудани технологияи раванди тайёр намудани маҳлули ранг. | |
| 3. Дохил кардани моддаҳои кимиёвӣ ба ранг | 3.1. Интихоб кардани намуди моддаҳои кимиёвӣ мувофиқ ба ранг ва ***нахи ресмон.***<br>3.2. Риоя кардани дастурҳои истеҳсолкунандаи моддаҳои кимёвӣ. | |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми омода намудани маҳлули ранг;<br>- риоя намудани талаботи ҳифзи муҳити зист/экология;<br>- истифода намудани дастурхатҳо:<br>- истифода намудани ҳароратсанҷҳо, тарозуҳо, баллонҳои дараҷавӣ, колбаҳо ва дигар асбобҳои озмоишӣ;<br>- тайёр кардани маҳлулҳои ранг: (компонентҳоро дуруст интихоб ва чен кардан, рангҳоро ҳал кардан);<br>- сохтани ретсептҳои рангкунии ресмон аз рӯи компонентҳо ва таносубҳои гуногун;<br>- қобилияти хондани дастурҳои истеҳсолкунанда ва бехатарии кор бо моддаҳои кимиёвӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои риоя намудани беҳдошт (гигиена)-и шахсӣ;<br>- усулҳои гуногуни рангкунӣ:<br>- мафҳумҳои асосии кимиёвӣ (ҳалшавандагӣ, оксидшавӣ ва баркароршавӣ).<br>- назарияи ранг: доираи ранг, рангҳои иловагӣ ва шабеҳ, ҳамоҳангии рангҳо;<br>- технологияи истеҳсоли нассоҷӣ: ресандагӣ, бофандагӣ, рангкунӣ ва турбофӣ;<br>- навъҳои гуногуни рангҳо, хосият ва усулҳои истифодаи онҳо;<br>- принсипҳои асосии ранг кардани ресмон барои дуруст истифода бурдани иловаҳои кимиёвӣ;<br>- намудҳои гуногуни моддаҳои кимиёвӣ ва истифодаи онҳо: |

| | |
|---|---|
| | - афзалиятҳо ва нуқсонҳои рангҳо;<br>- қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо маводҳои кимиёвӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- бомасъулият;<br>- эҷодкор;<br>- мутмаин;<br>- ташкилотчӣ;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Интихоб намудани ранги мувофиқ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян намудани мақсади ***рангуборкунӣ*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Шинос шудан ба дастурҳои истеҳсолкунандаи ранг | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Санҷидани намуди ранг мувофиқи таркиби ***ресмон*** дар озмоишгоҳ | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Тайёр намудани маҳлули ранг | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Интихоб намудани ***усули рангкунӣ*** бо назардошти таркиб ва вазни ресмон | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Риоя намудани технологияи раванди тайёр намудани маҳлули ранг | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 3: Дохил кардани моддаҳои кимиёвӣ ба ранг | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Интихоб кардани намуди моддаҳои кимиёвӣ мувофиқ ба ранг ва ***нахи ресмон*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Риоя кардани дастурҳои истеҳсолкунандаи моддаҳои кимёвӣ | √ | | | √ | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Рангуборкунӣ*** - ин: | - раванди тағйир додани ранги ресмону риштаҳо бо истифода аз рангҳо/моддаҳои кимиёвӣ мебошад. Рангҳо метавонанд табиӣ ё синтетикӣ бошанд ва ҳар яки онҳо усулҳои хоси рангкунии худро доранд. |
| ***Ресмон:*** | - аз наххҳои дароз ва пайдарпай печонида шудааст. Онҳо аз маводи гуногун, ҳам табиӣ ва ҳам синтетикӣ сохта мешаванд ва барои мақсадҳои гуногун истифода мешаванд Ба монанди: матоъбофӣ, гилембофӣ, гулдӯзӣ ва макраме. |
| ***Ришта:*** | - ресмони борик ва чандир аст, ки аз наххо (ба монанди пахта, пашм, коттон ё маводи синтетикӣ) тайёр карда мешавад. Риштаҳо барои мақсадҳои гуногун истифода мешаванд. Ба монанди: духтани либос, пайвасти ду ҷузъи тамоми маҳсулоти нассоҷӣ ва ҷиҳози либос (фурнитура). |
| ***Усули рангкунӣ:*** | - усулҳои зиёде барои ранг кардани маҳсулотҳои нассоҷӣ мавҷуданд:<br>- хобонидан (погружение) ин усули соддатарин ва маъмултарин дар тағора ранг кардан.<br>- градиент - аз як ранг эҷод кардани ранги дигар, ба монанди бастан, печонидан, қат кардан ё истифодаи асбобҳои махсус. Ресмон ба қисмҳо тақсим карда мешавад ва ҳар як қисм ба ранги дигар ранг карда мешавад. (ОМБРЕ) ба градиент монанд аст, аммо гузариш тезтар аст.<br>- калоба бо ду-се ранг, ранг карда мешавад ва дар байни онҳо гузариши равшан сурат мегирад. Аксар вақт барои эҷод кардани самараи (эффект)-и ғуруби офтоб ё тулӯи офтоб истифода мешавад.<br>- чопи қолибӣ (трафаретная печать): Дар болои маҳсулоти нассоҷӣ қолиб (трафарет) гузошта, баъд ранг меандозанд. Ин усул барои сохтани тарҳҳои мураккаб мувофиқ аст. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Омода намудани мошини рангкунӣ** | **LI 8152-04-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди тоза кардани қисмҳои дастгоҳи рангмол аз чанги наххо, санҷиши дурустии кори ҷузъҳои он ва ба танзим даровардани суръати гардиши барабан ва вақти рангкуниро бо риоя намудани талабот ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми кор кардан дар дастгоҳҳои рангкунӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- LB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- LI 8152-01-2/01 Қабул намудани басти кор;<br>- LI 8152-02-2/01 Омода намудани ҷойи корӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Тоза кардани мошини рангкунӣ | 1.1. Тоза кардани ҷузъҳои дастгоҳи рангмол аз боқимондаҳои рангҳои қаблӣ ва чанги наххо.<br>1.2. Тоза кардани ҷойҳои ранг ҷамъшаванда, ба монанди ***полоя (филтр)-ҳо, соплоҳо ва барабан***. |

| | |
|---|---|
| 2. Санҷидани кори мошини рангкунӣ | 2.1. Тафтиш кардани пайвастҳо ва рӯда (шланг)-ҳо.<br>2.2. Санҷидани дурустии кори ҷузъҳои мошини рангкунӣ (сенсорҳо ва контроллерҳо).<br>2.3. Санҷидани сатҳи равған дар системаи гидравликӣ ва системаи об ва хориҷ кардани он. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани талаботи техникаи бехатарӣ ҳангоми нигохдорӣ ва амалиёти технологии мошини рангкунӣ;<br>- санҷидани қобилиятнокӣ ва ба кор омода будани мошини рангкунӣ;<br>- истифода бурдани асбобҳои ченкунӣ барои назорати раванди кор дар мошини рангкунӣ;<br>- муайян намудани носозиҳои мошини рангкунӣ ва бартараф кардани онҳо;<br>- бартараф намудани носозиҳои одии қисмҳо ва механизмҳои мошини рангкунӣ;<br>- истифода бурдани ҳуҷҷатҳои техникӣ ва дастурамали истифодабарии мошини рангкунӣ;<br>- истифода бурдани дастуру қоидаҳои нигоҳдорӣ ва истифодабарии мошини рангкунӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҳангоми кор кардан бо мошини рангкунӣ;<br>- намуд ва таъиноти мошин барои ранг кардани масолеҳ;<br>- сохт ва принсипи кори мошини рангкунӣ;<br>- мақсади сохти (конструктивии) ҷузъҳои мошини рангкунӣ;<br>- усулҳои асосии кор дар мошини рангкунӣ;<br>- ҷузъҳои мошини рангкунӣ, асбобҳои ченкунӣ ва назоратӣ барои хатҳои ранг;<br>- сабабҳои хоси носозиҳои мошини рангкунӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо;<br>- дастурамали истифодабарии мошини рангкунӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- бомасъулият;<br>- эҳтиёткор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Тоза кардани мошини рангкунӣ | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.1. Тоза кардани ҷузъҳои дастгоҳи рангмол аз боқимондаҳои рангҳои қаблӣ ва чанги наххо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Тоза кардани ҷойҳои ранг ҷамъшаванда, ба монанди ***полоя (филтр)-ҳо, соплоҳо ва барабан*** | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Санҷидани кори мошини рангкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Тафтиш кардани пайвастҳо ва рӯда (шланг)-ҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Санҷидани дурустии кори ҷузъҳои мошини рангкунӣ (сенсорҳо ва контроллерҳо) | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Санҷидани сатҳи равған дар системаи гидравликӣ ва системаи об ва хориҷ кардани он | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Филтрҳо, соплоҳо ва барабан:*** | Се ҷузъи муҳими мошинҳои рангкунӣ мебошанд, ки дар раванди рангкунӣ нақши калидӣ доранд |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Омода намудани ресмон барои рангкунӣ** | **LI 8152-05-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди интихоб намудани ресмон барои рангкунӣ, кушодан ва тафтиши ресмон барои камбудиҳо, ковок кардан ва печонидани ресмон дар мошин бо назардошти риояи техникаи бехатарӣ тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми омода намудани ресмон барои рангкунӣ дар мошини рангкунӣ. | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- LB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- LI 8152-01-2/01 Қабул намудани басти кор;<br>- LI 8152-02-2/01 Омода намудани ҷойи корӣ;<br>- LI 8152-04-2/01 Омода намудани мошини рангкунӣ. | |

| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
|---|---|
| 1. Интихоб намудани ресмон барои рангкунӣ | 1.1. Муайян намудани ***таркиби нахии ресмон*** дар озмоишгоҳ.<br>1.2. Гузаронидани санҷиши мувофиқатии ранг дар ресмони интихобшуда. |
| 2. Печонидан/ковок кардани ресмон барои рангкунӣ | 2.1. Интихоб намудани асбобҳо ва дастгоҳ барои печонидану ковоккунии ресмон.<br>2.2. Ҷо ба ҷо гузоштани ресмонҳои ковоккунанда дар дастгоҳ.<br>2.3. Назорат намудани раванди азнавпечонӣ/калобакунии ресмон дар дастгоҳ. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои истифодабарии асбобу дастгоҳҳои ресмонпечонӣ;<br>- гузаронидани санҷиши мувофиқатии ранг дар ресмонҳои нахҳояшон гуногун;<br>- истифода намудани либосҳои махсус ва воситаҳои ҳимоявӣ;<br>- санҷидани коршоямии асбобу дастгоҳи корӣ;<br>- бандубасти ресмон ба дастгоҳи печонидану ковоккунанда. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо асбоб ва дастгоҳ;<br>- навъҳои гуногуни ресмон (пахта, коттон, синтетикӣ ва ғ);<br>- намуд, хосият, афзалиятҳо ва нуқсонҳои рангҳо (акрилӣ, латекс, равған ва ғ);<br>- намудҳои асбоб ва дастгоҳҳо барои печонидан ва ковоккунии ресмон;<br>- дастурамали истифодабарии асбобу таҷҳизоти ресмонпечонӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- бомасъулият;<br>- эҳтиёткор;<br>- ташаббускор. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Интихоб намудани ресмон барои рангкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Муайян намудани ***таркиби нахии ресмон*** дар озмоишгоҳ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Гузаронидани санҷиши мувофиқатии ранг дар ресмони интихобшуда | √ | | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Печонидан/ковок кардани ресмон барои рангкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Интихоб намудани асбобҳо ва дастгоҳ барои печонидану ковоккунии ресмон | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Ҷо ба ҷо гузоштани ресмонҳои ковоккунанда дар дастгоҳ | √ | | | √ | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.3. Назорат намудани раванди азнавпечонӣ/ калобакунии ресмон дар дастгоҳ | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Таркиби нахии ресмон:*** | - таркиби нахи ресмон таносуби навъҳои гуногуни нахест, ки аз он сохта шудаанд. Ресмон метавонад яктаркиба ва омехташуда бошад:<br>- яктаркиба: аз як намуди нах иборат аст, ба монанди 100% пахта ё 100% пашм;<br>- омехташуда: аз ду ё зиёда намуди нах иборат аст, ба монанди 50% пахта, 50% акрил ё 20% пашм, 30% алпака, 50% пилла. |

| Номи воҳиди салоҳият | | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|---|
| **Ҷойгир кардани ресмон ва матоъ дар мошини рангкунӣ** | | **LI 8152-06-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди ҷойгир кардани калобаҳои ресмон дар мошини рангкунӣ бо риояи стандартҳои бехатарии техникӣ ва қоидаҳои меҳнат дар дастгоҳҳоро тавсиф менамояд. | | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми боркунӣ ва бандубасти ресмон ва матоъ ба мошини рангкунӣ. | | |
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- LB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- LI 8152-01-2/01 Қабул намудани басти кор;<br>- LI 8152-02-2/01 Омода намудани ҷойи корӣ;<br>- LI 8152-04-2/01 Омода намудани мошини рангкунӣ;<br>- LI 8152-05-2/01 Омода намудани ресмон барои рангкунӣ. | | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС | |
| 1. Интихоб намудани ***усули боркунии маҳсулоти нассоҷӣ*** мувофиқ ба ҳаҷм | 1.1. Истифода намудани усули боркунии дастӣ барои ҳаҷми хурди ресмон ва матоъ.<br>1.2. Истифода намудани дастгоҳи махсуси боркунӣ.<br>1.3. Риоя намудани дастурҳои истеҳсолкунандаи дастгоҳи боркунӣ ва боркашонӣ. | |
| 2. Ҷойгир кардани ресмон дар мошини рангкунӣ | 2.1. Мустаҳкам гузоштани калобаҳо мувофиқ ба ҳаҷми мошини рангкунӣ.<br>2.2. Шустани ресмон пеш аз рангкунӣ.<br>2.3. Риоя намудани дастурҳои истеҳсолкунандаи мошини рангкунӣ. | |
| 3. Ҷойгир кардани матоъ дар мошини рангкунӣ | 3.1. Тоза намудани матоъ аз ифлосиҳо.<br>3.2. Шустани дастгоҳ бо оби тоза.<br>3.3. Духтани миқдори матоъи муайяншуда.<br>3.4. Мувофиқ намудани ҳарорати мошини рангкунӣ вобаста ба намуди матоъ. | |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани меъёрҳо ва стандартҳои соҳаи саноати сабук;<br>- ба кор даровардани мошини рангкунӣ бо назардошти риояи техникаи бехатарӣ;<br>- бастани ресмон ба мошини рангкунӣ бо усулҳои гуногун; |

| | |
|---|---|
| | - санҷидани пурра ғарқшудани ресмон дар ранг;<br>- тоза шустани ресмон ва матоъ пеш аз рангкунӣ;<br>- ҳалли мушкилоте, ки дар ҷараёни рангкунӣ пайдо мешаванд, ба монанди рангкунии нобаробар ё тағирёбии ранг;<br>- гузоштан моддаҳои рангкунӣ ва ёрирасон ба мошини рангкунӣ;<br>- намнок намудани матоъ барои рангкунӣ; |
| Донишҳои талабшаванда: | - намудҳои нахҳо ва таркиби онҳо;<br>- усулҳои рангкунӣ аз қабили ғӯтонда, пошидан ва нақшдиҳӣ;<br>- қоидаҳои бехатарии кор дар дастгоҳҳои рангмолӣ;<br>- қоидаҳои идоракунии дастгоҳҳои рангмолӣ.<br>- тартиби мувофиқ намуди ҳарорати мошини рангкунӣ вобаста ба матоъ;<br>- тартиби ҷойгиркунии матоъ дар мошини рангкунӣ (дасти ё автоматӣ вобаста ба намуди мошини рангкунӣ);<br>- тартиби оғоз намудани раванди рангкунӣ;<br>- тартиби назорати ҳарорат ва вақти рангкунӣ. |
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- бомасъулият;<br>- эҷодкор<br>- боэҳтиёт. |

## Дастур оид ба ҷамъоварии далелҳо

| Элементҳо ва меъёрҳои иҷро | Мушоҳидаи бевоситаи раванди кор | Баҳодиҳии маҳсулоти тайёр | Хаттӣ ба саволҳо ҷавоб додан/тестҳо | Шифоҳӣ ба саволҳо ҷавоб додан/Мусоҳиба | Кори лоиҳавӣ | Ҷамъоварии хуҷҷатҳо аз рӯи таҳқиқот /case study | Мубоҳиса | Намоишдиҳӣ/рӯнамоӣ (Презентатсия) | Бозии нақшӣ | Далелҳои ҷамъовардаи таълимгиранда/ худбаҳодиҳӣ | Баҳодиҳии тарафи сеюм |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Элементи 1: Интихоб намудани ***усули боркунии маҳсулоти нассоҷӣ*** мувофиқ ба ҳаҷм | | | | | | | | | | | |
| 1.1. Истифода намудани усули боркунии дастӣ барои ҳаҷми хурди ресмон ва матоъ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.2. Истифода намудани дастгоҳи махсуси боркунӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 1.3. Риоя намудани дастурҳои истеҳсолкунандаи дастгоҳи боркунӣ ва боркашонӣ | | √ | | √ | | | | | | | |
| Элементи 2: Ҷойгир кардани ресмон дар мошини рангкунӣ | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.1. Мустаҳкам гузоштани калобаҳо мувофиқ ба ҳаҷми мошини рангкунӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.2. Шустани ресмон пеш аз рангкунӣ | √ | | | √ | | | | | | | |
| 2.3. Риоя намудани дастурҳои истеҳсолкунандаи мошини рангкунӣ | √ | | √ | | | | | | | | |
| Элементи 3: Ҷойгир кардани матоъ дар мошини рангкунӣ | | | | | | | | | | | |
| 3.1. Тоза намудани матоъ аз ифлосиҳо | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.2. Шустани дастгоҳ бо оби тоза | √ | | | √ | | | | | | | |
| 3.3. Духтани миқдори матоъи муайяншуда | √ | | √ | | | | | | | | |
| 3.4. Мувофиқ намудани ҳарорати мошини рангкунӣ вобаста ба намуди матоъ | √ | | √ | | | | | | | | |

**Навсонӣ** (вариативӣ) (муҳити корӣ, вазъият, шароити асосии корӣ)

| | |
|---|---|
| ***Усули боркунии маҳсулоти нассоҷӣ:*** | Якчанд роҳҳои ба мошини рангкунӣ бор кардани ресмон ва матоъ мавҷуданд, ки интихоби онҳо ба навъи мошин, навъи маҳсулоти нассоҷӣ (ришта/ресмон, матоъ) ва натиҷаи дилхохи рангубор вобаста аст.<br>- боркунии дастӣ: Роҳи соддатарин ва дастрастарин.<br>- боркунӣ бо аробаҳо: Барои бор кардани миқдори зиёди ресмон ва матоъ истифода мешавад. Аробача имконият медиҳад, ки ресмон ва матоъ ба барабани мошин зуд ва қулай бор карда шавад.<br>- боркунӣ бо системаи пневматикӣ: Барои бор кардани миқдори хеле зиёди ришта ва матоъ истифода мешавад. Системам пневматикӣ имконият медихад, ки ресмон ва матоъ дар барабани мошин зуд ва баробар таксим карда шавад.<br>- боркунӣ бо истифода аз системаи вакуумӣ: Барои бор кардани навъҳои нозуки ресмон ва матоъ истифода мешавад. Системам вакуумӣ имконият медихад, ки ришта ва матоъ ба барабани мошин зарар нарасонда боэҳтиёт бор карда шавад. Боркунӣ бо системаи вакуумӣ дастгоҳи махсусро талаб мекунад. |

| Номи воҳиди салоҳият | Рамзи воҳиди салоҳият |
|---|---|
| **Шустани ресмон ва матоъ баъд аз рангкунӣ** | **LI 8152-07-2/01** |
| Воҳиди салоҳияти мазкур раванди интихоб кардани усул, воситаҳои шустушӯй мувофиқ ба маҳсулоти рангшуда, дохил кардани компонентҳои иловагӣ (фиксаторҳо) бо риояи дастурҳои истеҳсолкунандаи дастгоҳ ва қоидаҳои шустани ресмон ва матоъ баъд аз ранг кардан тавсиф менамояд. | |
| Истифодаи воҳиди салоҳияти мазкур:<br>- ҳангоми шустани ресмон ва матоъ баъд аз рангкунӣ. | |

| | |
|---|---|
| Шартҳои қаблӣ (пешакӣ):<br>- LB 01-1/01 Риоя намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;<br>- LI 8152-02-2/01 Омода намудани ҷойи корӣ;<br>- LI 8152-04-2/01 Омода намудани мошини рангкунӣ;<br>- LI 8152-05-2/01 Омода намудани ресмон барои рангкунӣ;<br>- LI 8152-06-2/01 Ҷойгир кардани ресмон ва матоъ дар мошини рангкунӣ. | |
| Элементҳои ВС | Меъёрҳои иҷрои (МИ) ВС |
| 1. Иҷро кардани корҳои омодагӣ барои шустани ресмон ва матоъи рангшуда | 1.1. Интихоб намудани усулҳои шустани ресмон ва матоъ дар дастгоҳ.<br>1.2. Интихоб кардани ***воситаи шустушӯи*** мувофиқ ба маҳсулоти рангшуда.<br>1.3. Риоя намудани дастурҳои истеҳсолкунандаи дастгоҳи шустушӯкунанда. |
| 2. ***Шустани ресмон дар мошини рангкунӣ*** | 2.1. Пур кардани дегҳо/дастгоҳ бо обҳои тагшиншуда.<br>2.2. Дохил кардани ***компонентҳои иловагӣ (фиксаторҳо).***<br>2.3. ***Риоя намудани қоидаҳои шустани ресмон*** баъд аз ранг кардани ресмон дар мошини рангкунӣ. |
| 3. Шустани матоъ баъд аз рангкунӣ | 3.1. Омода кардани об барои шустани матоъ ҳарорати гарм (мӯътадил).<br>3.2. Ворид кардани матоъ ба об ва истифодаи маводи шуянда.<br>3.3. Иваз кардани об ва шустан бо оби хунук.<br>3.4 Шустани ниҳоии матоъ бо маҳлули махсуси тозакунӣ ва оби тоза. |

| | |
|---|---|
| Малакаҳои талабшаванда: | - риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми шустани ресмон ва матоъ баъд аз рангкунӣ;<br>- муайян намудани навъи ришта/ресмон ва матоъ;<br>- хондани тамғакоғазҳо ва фаҳмидани рамзҳои барои нишон додани усулҳои шустан истифодашаванда;<br>- интихоб намудани воситаи шустушӯи мувофиқи маҳсулоти шусташаванда;<br>- истифода бурдани обҳои захиравии такшиншуда ва гарм кардани об/маҳлулҳо то ҳарорати зарурӣ;<br>- идора кардани дастгоҳи шустушӯӣ;<br>- кор кардан аз рӯи дастурамалҳо оид ба истифодабарии маводи шустушӯӣ ва моддаҳои кимиёвӣ. |
| Донишҳои талабшаванда: | - қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми шустани ресмон ва матоъ баъд аз рангкунӣ;<br>- қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор бо воситаҳои шустушӯӣ, оби гарм ва дастгоҳҳо;<br>- намудҳои гуногуни ресмонҳо, аз қабили пашм, пахта, коттон, абрешим ва ғайра;<br>- намудҳои гуногуни матоъ ва тартиби шустани онҳо;<br>- маводи шустушӯӣ барои навъҳои гуногуни ришта ва матоъ;<br>- намудҳои наххо ва хосиятҳои онҳо:<br>- таснифоти реаксияҳои кимиёвӣ ва тарзу усулҳои иҷрои онҳо;<br>- характеристикаи умумии элементҳои кимиёвӣ;<br>- дастурамалҳо оид ба истифодабарии маводи шустушӯӣ ва моддаҳои кимиёвӣ. |

| | |
|---|---|
| Муносибати талабшаванда ба кор: | Чунин бояд буд:<br>- бодиққат;<br>- тозакор;<br>- бомасъулият;<br>- эҷодкор<br>- боэҳтиёт. |

